«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.х., профессор Насриддинзода Э.С.
______________________
«____» ____________ соли 2026

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Чиллаев Сулаймон Нажмудинович дар мавзуи «Муаммоҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст**

## Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи Чиллаев Сулаймон Нажмудинович ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз: 1.3. Назария ва методологияи таъсири низоми молиявӣ дар натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, 1.4. Консепсия ва назарияи молия ва истифодаи он дар фаъолияти ниҳодҳои молиявӣ, 6.1. Асосҳои назариявии ташкил ва амалкарди бозори коғазҳои қиматнок ва бахшҳои он, 7.1. Тамоюлоти ҳозиразамони ташкил ва амалкарди низоми суғурта ва бозори хадамоти суғуртавӣ, 7.7. Таъмини устувории молиявии ташкилоти суғуртавӣ, 10.1. Ташаккули низоми бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ мутобиқат менамояд.

## Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Дар шароити муосир рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи гузариш ба иқтисоди рақамӣ ба яке аз масъалаҳои муҳим ва афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлат табдил ёфтааст. Татбиқи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти бозори молиявӣ барои баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳои молиявӣ, густариши фарогирии молиявӣ, коҳиш додани хароҷоти муомилот ва таъмини шаффофияти амалиёт заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар баробари ин, рушди бозори молиявӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ бо як қатор мушкилот, аз ҷумла нокифоя будани инфрасохтори рақамӣ, маҳдудияти истифодаи технологияҳои молиявии муосир, сатҳи пасти саводнокии рақамӣ ва молиявии аҳолӣ, инчунин мавҷудияти хавфҳои киберамниятӣ рӯ ба рӯ мебошад. Ин омилҳо ба суръати рушди бозори молиявӣ ва сатҳи рақобатпазирии низоми молиявии кишвар таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар чунин шароит, зарурати такмили асосҳои назариявӣ ва методологии рушди бозори молиявӣ, таҳияи механизмҳои самараноки

истифодаи технологияҳои рақамӣ ва мутобиқ намудани сиёсати танзимкунанда ба талаботи иқтисоди рақамӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Ҳамзамон, густариши хизматрасониҳои рақамии молиявӣ, рушди низоми пардохтҳои электронӣ, такмили заминаи ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани сатҳи ҳифзи маълумот ва амнияти киберӣ метавонанд ба таҳкими устувории бозори молиявӣ ва баланд бардоштани эътимоди иштирокчиёни он мусоидат намоянд. Аз ин рӯ, омӯзиши ҳамаҷонибаи муаммоҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ, муайян намудани омилҳои боздорандаи рушди он ва пешниҳоди роҳҳои илмӣ асосноки ҳалли онҳо аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ аҳаммияти калон дорад.

Дар робита ба гуфтаҳои боло, қайд намудан ба маврид аст, ки мубраммии мавзуи рисолаи илмии Чиллаев С.Н. дар мавзуи «Муаммоҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ» ягон шубҳа ба вуҷуд намеорад, зеро натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи бозори молиявӣ, рушди иқтисоди рақамӣ ва таҳкими устувории низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ, методологӣ ва амалӣ дошта бошанд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ** пеш аз ҳама аз навгониҳои илмӣ бармеоянд. Навгонии илмии кори диссертатсионӣ дар асоснокнамоии назариявии ҳамгироии қисматҳои бозори молиявии кишвар ва дар ин ҷода густариши равобит бо бахши воқеӣ барои таъмини рушди мунтазами иқтисоди миллӣ арзёбӣ мегардад. Натиҷаҳои муҳимтарине, ки муқаррароти аслӣ ва навгонии кори таҳқиқотиро асоснок менамоянд, чунинанд:

1. Дар раванди амалигардонии таҳқиқот ва дар заминаи омӯзиши маъхазҳои илмӣ, махсусан дар натиҷаи омӯзишу баррасии назароти мутафаккирон ва олимону муҳаққиқони хориҷию ватанӣ, ки дар шаклгирии назарияҳои умумии мансуб ба равнақи бозори молиявӣ саҳм гузоштаанд, назароти муаллиф дар мавриди бозори молиявӣ мавриди пешниҳод қарор дода шудааст. Барои дарки воқеият марҳила ва заминаҳои ташаккулёбии бозори молиявӣ дар кишвар бо назардошти мушкилиҳои гузариш аз як низом ба низоми дигари равобити иқтисодӣ пайгирӣ карда шуда, бо мақсади беҳдошти бозори молиявии ватанӣ, таҷрибаи кишварҳои пешсаф мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода шудааст.

2. Бо назардошти бартари доштани бахши бонкии кишвар дар бозори молиявӣ, ҳолати воқеии ҳамгироии бахши бонкӣ бо бахши воқеии кишвар мавриди таҳлил қарор дода шуда, мушкилиҳо ва муаммоҳои мавҷуда ифшо карда шудаанд, дар ҷараёни таҳқиқ бо дарназардошти аҳамияти муҳими ҷалби сармоя ба иқтисодиёт, бахусус ба соҳаҳои афзалиятдоштаи он, роҳу усулҳои беҳтар намудани маблағгузории бахши воқеии кишвар пешниҳод гардидаанд. Агарчӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита тавлидкунандаи мустақими таҷҳизот ва технологияҳои муосир набошад ҳам, бо ин ҳол фурсатҳое вуҷуд дорад, ки бо дар назар гирифтани он метавон рушди бозори молиявиро дар шароити кунунӣ таъмин намуд. Ҷиҳати равнақу густариши ин раванд назароти муаллиф

пешкаш карда шудаанд. Натиҷаи таҳқиқот ва дигаргуниҳои дар иқтисоди ҷаҳон пайваста гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки самти рақамикунонӣ ва таъсиси пойгоҳи устувор барои тавсеаи зеҳни сунъӣ метавонад дар тавсеаи бозори молиявии миллӣ мусоидат намояд.

3. Дар ҳоли ҳозир бозори коғазҳои қиматнок, қисамти калидии бозори молиявӣ ба ҳисоб меравад. Ин бозор, метавонад дар ҷалб ва мубаддалнамоии захираҳои молиявии дохилӣ ба сармоя нақши ҳалкунанда дошта бошад, бар ин асос дар рафти таҳқиқот мубрамият, муаммоҳои ҷой дошта ва роҳҳои беҳдошти бозори коғазҳои қиматнок пешниҳод карда шудаанд. Муайян гардидааст, ки яке аз роҳҳои густаришу равнақи ин бозор махсусан дар ҷалби сармоя, ҷараёни ҳамгироии он бо биржаҳои рушднамудаи минтақавӣ баҳисоб меравад. Иловатан, ҷиҳати рушду равнақи ин қисмати бозори молиявӣ механизмҳои дар амал таъсиррасон пешниҳод гардидаанд. Дар таҳқиқот мушаххас гардидааст, ки танҳо дар натиҷаи ҳамгироии қисматҳои асосии бозори молиявии кишвар, метавон маблағгузории бахши воқеии кишваррро таъмин намуд. Зимни амалисозии таҳқиқот муайян гардид, ки сабаби аслии нокифояигии маблағгузориҳо дар кишвар, ба таври қобили таваҷҷӯҳ ва қаноаткунанда ҷалбу тақсим накардани захираҳои пулии қишрҳои мухталфи ҷомеа аз ҷониби муассаҳои молиявӣ-қарзӣ, равобити заиф байни қисматҳои асосии бозори молиявии миллӣ ва муҳимтар аз ҳама сатҳи пасти боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар дониста мешавад. Бар ин асно, роҳҳо ва усулҳои бартарафсозии муаммоҳои зикршуда пешниҳод карда шудаанд.

4. Асоснок гардидааст, ки рақамикунонии бозори молиявии кишвар имкон дорад дар таъмини шароит ва фазои муосид, тақвияту густариши бозори молиявӣ ва равнақи механизмҳои сармоягузорӣ ба иқтисоди миллӣ, созгорӣ намояд. Ҳамзамон мушаххас гардидааст, ки дар мавриди истифодаи платформаи рақамӣ, васеъшавии амалиётҳои нави молиявӣ баамал омада, интихоб ва сафарбар намудани имкониятҳои сармоявӣ ва қарзӣ меафзояд. Бо дарназардошти дигаргуниҳои амиқ дар бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ ва гузариш ба модели нави рушди иқтисодӣ, ки бар пояи технологияҳои муосир бунёдёфта, дар таҳқиқот механизм ва абзорҳои навин мавриди баррасӣ қарор гирифта, нақши калидии онҳо, ки асосан ба технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ такя мекунад, дар рушди бозори молиявӣ арзёбӣ гардидаанд.

## Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ, таҳияи асосҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии такмили фаъолияти бозори молиявӣ дар асоси истифодаи технологияҳои рақамӣ равшан ифода меёбад. Дар ҷараёни таҳқиқот омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди бозори молиявӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ муайян гардида, ҳолати кунунии бозори молиявии кишвар аз нуқтаи назари татбиқи технологияҳои рақамӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқ, роҳҳои такмили низоми хизматрасониҳои рақамии молиявӣ, баланд

бардоштани сатҳи фарогирии молиявӣ, рушди низоми пардохтҳои электронӣ, таҳкими амнияти киберӣ ва такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти бозори молиявӣ пешниҳод шудаанд. Ҳамчунин, тавсияҳои илмӣ ва амалии муаллиф ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иштирокчиёни бозори молиявӣ ва мутобиқ намудани он ба талаботи иқтисоди рақамӣ таҳия гардидаанд.

Инчунин, иштироки бевоситаи довталаб дар анҷом додани таҳқиқоти илмӣ, омӯзиши фаъолияти муассисаҳои молиявӣ, таҳлили маълумоти оморӣ, интишори мақолаҳои илмӣ вобаста ба мавзуи диссертатсия ва пешниҳоди натиҷаҳои таҳқиқ дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ саҳми илмии ӯро дар омӯзиш ва ҳалли масъалаҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ равшан инъикос менамояд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулоса, натиҷаҳои асосии илмӣ ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Кор дар 194 саҳифа, 12 ҷадвал, 19 расм ва 13 диаграмма оварда шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодагардида 127 номгӯйро дар бар мегирад. Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот асоснок гардида, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии кор инъикос ёфтаанд (саҳ. 4-14).

Дар боби якуми диссертатсия **«Заминаҳои иқтисодӣ-институтсионалии ташкили бозори молиявӣ» (саҳ. 15-77)** довталаби дараҷаи илмӣ асосҳои назариявии ташаккулёбии бозори молиявӣ ва марҳилаҳои таърихии онро таҳқиқ кардааст. Дар зербоби аввал муаллиф аз нигоҳи таърихӣ хонаҳои бонкии Байнаннаҳрайн ва Ҳинди қадимро ҳамчун намунаҳои аввалини бозори молиявӣ баррасӣ намуда, ақидаҳои мутафаккирони мухталифро (аз Арасту то Кейнс ва Маркс) оид ба қарз, фоиз ва сармоя таҳлил кардааст.

Баррасии зербоби дуюми ин боб нишон медиҳад, ки муаллиф заминаҳои ташаккулёбии бозори молиявиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ дуруст арзёбӣ намудааст. Дар зербоби охирини боби аввал таҷрибаи кишварҳои пешрафта (ИМА ва Чин) ва ҳамсоякишварҳо (Қазоқистон, Узбекистон ва Қирғизистон) дар самти рақамикунонии бозори молиявӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф истифодаи технологияҳои муосир, аз қабили Big Data, зеҳни сунъӣ (AI) ва блокчейнро барои рушди соҳа муҳим арзёбӣ мекунад.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки **«Арзёбии равобити бозори молиявӣ дар бахшҳои воқеии иқтисоди миллӣ» (саҳ. 78-121)** номгузорӣ шудааст, ки дар он муаллиф вазъи молиявии қисматҳои асосии бозори молиявии миллиро мавриди таҳлил қарор додааст. Муаллиф дар зербоби дуюм ҳолати воқеии бозори коғазҳои қиматнокро таҳлил намуда, қайд мекунад, ки

дар давоми солҳои 2020-2024 дар кишвар 293 ҷамъияти саҳомӣ (157 ҶСК ва 136 ҶСП) ба қайд гирифта шудаанд (саҳ. 97). Дар ин замина, мавқеи Биржаи фондии Осиёи Марказӣ ва фаъолияти иштирокчиёни касбии бозор баҳогузорӣ шудааст. Албатта, мо бо нуқтаи назари муаллиф дар бораи он ки бахши бонкӣ дар бозори молиявӣ бартарии зиёд дорад, пурра розӣ ҳастем.

Муаллиф дар боби сеюми диссертатсия, ки **«Роҳҳои такмили рушди бозори молиявии кишвар дар шароити иқтисоди рақамӣ» (саҳ. 122-171)** унвон гирифтааст, самтҳои асосии тақвиятбахшии бозори молиявиро дар шароити таҳаввулоти рақамӣ пешниҳод намудааст. Дар зербобҳои ин боб механизмҳои бозори сармоя, аз ҷумла истифодаи Ҳисоби сармоягузории инфиродӣ (ҲСИ), краудфандинг ва қарздиҳии пирингӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф қайд мекунад, ки рақамикунонӣ тавассути смарт-шартномаҳо ва молияи ғайритамаркузӣ (DeFi) метавонад хароҷоти транзаксиониро коҳиш дода, дастрасӣ ба маблағгузориро барои бахши воқеӣ осон гардонад.

Дар охири ҳар як зербоби диссертатсия хулосаҳо пешниҳод карда шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо (саҳ. 172-180) натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, инчунин тавсияҳое, ки дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд, пешниҳод гардидаанд.

**Дараҷаи саҳеҳии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои диссертатсия, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ мешавад.

Дар амалия хулоса ва тавсияҳо барои татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва дар асоси таҳлили илмӣ ҷанбаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ бароварда шудааст, ки аз эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дарак медиҳад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳо дар диссертатсия зикршуда.**

Дар умум, диссертатсия аз рӯйи сохтор, мазмун ва муаррифии мантиқӣ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот пурра мувофиқат мекунад. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба масъалаҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ равона гардида, нақши ниҳодҳои асосии бозори молиявиро дар ин раванд равшан месозанд. Дар ҷараёни омӯзиш механизми амалкунандаи сохтори ҷузъии бозори молиявӣ таҳлил шуда, самтҳои такмили минбаъдаи он пешниҳод мегарданд. Ҳамаи хулосаҳо ва андешаҳои овардашуда бар пояи маълумоти оморӣ ва ҳисоботи расмии сохторҳои давлатӣ асос ёфтааст. Таҳлилҳо бо рақамҳои воқеӣ тақвият дода шуда, робитаи мустақим бо мавзуи мавриди баррасӣ қарор доранд. Пешниҳодҳои таҳияшуда метавонанд дар амал барои нигоҳдорӣ ва такмили рушди бозори молиявии мамлакат нақши муассир бозанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳамияти илмии натиҷаҳои таҳқиқот дар рушди асосҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии такмили бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ таҷассум меёбад. Дар диссертатсия равишҳои муосири арзёбии рушди бозори молиявӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт таҳлил гардида, омилҳои асосии таъсиррасон ба фаъолияти муассисаҳои молиявӣ ва рушди хизматрасониҳои рақамӣ муайян карда шудаанд. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳодҳо ва тавсияҳои илмӣ оид ба такмили механизмҳои рушди бозори молиявӣ, баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳои рақамии молиявӣ, рушди низоми пардохтҳои электронӣ, таҳкими амнияти киберӣ ва такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии танзими бозори молиявӣ таҳия гардидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун заминаи илмӣ барои таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои рушди бозори молиявӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, инчунин барои такмили фаъолияти мақомоти танзимкунанда ва иштирокчиёни бозори молиявӣ истифода шаванд. Пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф имконият медиҳанд, ки сатҳи рақобатпазирӣ, устуворӣ ва самаранокии бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардошта шуда, мутобиқшавии он ба талаботи иқтисоди рақамӣ таъмин гардад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки онҳо метавонанд барои ошкор намудан ва рафъи мушкилоти бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ истифода шаванд. Инчунин, аз таҳлили диссертатсияи муаллиф бармеояд, ки баъзе аз муқаррароти амалӣ ва тавсияҳои таҳияшуда метавонанд аз ҷониби мақомоти марбута, ба монанди Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд.

Дар баробари ҳамаи ин, натиҷаҳои ниҳоии бадастомада метавонанд дар раванди бозомӯзии ҳайати роҳбарикунанда ва кормандони соҳаи молия, инчунин дар ҷараёни таълим, хусусан ҳангоми тадриси фанҳои марбута, аз ҷумла “Молия”, “Молия муомилоти пул ва қарз”, “Бозори молиявӣ”, “Бозори коғазҳои қиматнок”, “Фаъолияти биржавӣ”, “Назорати молиявӣ дар бозори фондӣ” ва ғайраҳо мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Аҳамияти иқтисодии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои диссертатсия метавонанд барои такмили механизми рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муассисаҳои молиявӣ ва рушди хизматрасониҳои рақамии молиявӣ истифода шаванд. Татбиқи тавсияҳои пешниҳодшуда ба рушди низоми пардохтҳои электронӣ, таҳкими устувории бозори молиявӣ, такмили идоракунии хавфҳо ва баланд бардоштани сатҳи фарогирии молиявӣ мусоидат менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун заминаи амалӣ барои таҳияи стратегияҳо ва қабули қарорҳои идоракунӣ ҷиҳати рушди устувори бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ хизмат намоянд.

**Аҳамияти иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқот** дар он ифода меёбад, ки такмили механизми рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

шароити иқтисоди рақамӣ ба баланд бардоштани дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳои молиявӣ барои аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ мусоидат менамояд. Татбиқи тавсияҳои таҳқиқот метавонад ба рушди фарогирии молиявӣ, густариши истифодаи хизматрасониҳои рақамӣ, баланд бардоштани саводнокии молиявӣ ва таҳкими эътимоди ҷомеа ба низоми молиявӣ замина фароҳам оварад. Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳқиқот барои рушди устувори бозори молиявӣ, беҳтар гардидани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ ва суръат бахшидани рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назаррас доранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муаллиф вобаста ба мавзуи диссертатсия 9 мақолаи илмӣ таҳия кардааст, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп гардидаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Чиллаев Сулаймон Нажмудинович мутахассиси варзида дар соҳаи молия буда, имконияти мустақилона ҳал кардани масъалаҳои муҳим ва илмӣ дар ин самтро дорад. Кори диссертатсионӣ ба самти тахассусии ӯ мувофиқ мебошад. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва мазмуни кори анҷомёфта ба талаботҳои муқарраршудаи шиносномаи тахассусии 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пурра мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои илмии бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботҳои чунин корҳо ҷавобгӯ мебошанд. Ҳангоми тавсифи довталаб ба ҳайси тадқиқотчӣ бояд таъкид карда шавад, ки ӯ донишомӯзӣ, фидокорӣ, самаранокии баланд, масъулиятшиносӣ, қобилияти дар сатҳи баланд ташкил кардани кори илмӣ, қабули қарорҳои мустақил ва муайян кардани роҳҳои расидан ба ҳадаф ва вазифаҳое, ки ба миён гузошта шудаанд, дорад.

**Эродҳо ва баъзе тавсияҳо ба диссертатсия:**

1. Дар зербоби 1.1 муаллиф асосҳои назариявӣ ва марҳилаҳои таърихии ташаккулёбии бозори молиявиро, аз ҷумла таҷрибаи Байнаннаҳрайн ва Ҳинди қадимро мавриди омӯзиш қарор додааст. Агар робитаи ин марҳилаҳои таърихӣ бо заминаҳои пайдоиши анъанаҳои молиявӣ дар сарзамини ниёгони халқи тоҷик бештар нишон дода мешуд, сифати илмии кор боз ҳам беҳтар мегардид.
2. Муаллиф дар зербоби 1.3 таҷрибаи кишварҳои пешрафта (ИМА ва Чин) ва ҳамсоякишварҳо (Қазоқистон, Узбекистон ва Қирғизистон)-ро дар самти рақамикунонии бозори молиявӣ баррасӣ намудааст. Вале, ба назари мо, беҳтар мебуд, агар муаллиф механизми мушаххаси татбиқи унсурҳои рақамикунонии бозори молиявиро дар Тоҷикистон дар муқоиса бо кишварҳои пешрафта ва ҳамсоякишварҳо ба таври муфассалтар ва бо пешниҳоди хулосаҳо ва тавсияҳои алоҳида таҳлил мекард.
3. Дар зербоби 2.1 таҳлили қисматҳои асосии бозори молиявии миллӣ ва бартарии бахши бонкӣ оварда шудааст. Сатҳи сифати таҳқиқот беҳтар мешуд, агар муҳаққиқ як расми муттаҳидшудаи равобити мутақобилаи байни

бахши бонкӣ ва ташкилотҳои суғуртавиро дар маблағгузории бахши воқеӣ бо нишон додани вобастагии якдигарии онҳо пешниҳод менамуд.

4. Ҳангоми таҳлили ҳолати воқеии бозори коғазҳои қиматнок дар зербоби 2.2, муаллиф қайд мекунад, ки дар давоми солҳои 2020-2024 дар кишвар 293 ҷамъияти саҳомӣ ба қайд гирифта шудаанд. Вале дар ин бахш ҷадвали муфассал оид ба нишондиҳандаҳои капитализатсияи бозории ширкатҳои асосии дар «Биржаи фондии Осиёи Марказӣ» листингшуда ва ҳаҷми воқеии савдои онҳо оварда нашудааст.

5. Зербоби 3.2 механизмҳои бозори сармоя, аз ҷумла краудфандинг ва қарздиҳии пирингӣ (P2P)-ро дар шароити рақамикунонӣ тавсиф мекунад. Ба назари мо, истифодаи ду ё зиёда моделҳои математикӣ барои арзёбии дараҷаи хавфҳои ин платформаҳои нав дар бозори Тоҷикистон сифати таҳқиқотро боз ҳам баланд мебардошт.

6. Шумораи натиҷаҳои асосии илмии дар охири рисола пешниҳодшуда (саҳ. 172-180) нисбат ба 4 вазифаи асосии таҳқиқот, ки дар муқаддима (саҳ. 8-9) муайян шудаанд, каме зиёд ба назар мерасад. Муносиб мебуд, агар муаллиф ин натиҷаҳоро бо миқдори вазифаҳо, навгониҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи рисола баробар ва мутобиқ мекард.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия мувофиқи талаботи Комиссия.**

Диссертатсияи Чиллаев Сулаймон Нажмудинович ҳамчун кори илмии ба анҷом расида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асосноккунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва ташхиси диссертатсия дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботҳои муқаррарнамудаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯ мебошад.

Кори диссертатсионӣ бо забони фаҳмо ва бо истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад. Автореферат ва мақолаҳои илмии ба нашр расонидаи довталаб таркиби асосии диссертатсияро дар бар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст. Ҷанбаҳои муҳими мундариҷаи кор дар автореферат инъикос ёфтаанд, ки предмети асосии дифоъ мебошанд. Бинобар ин, талабот дар ин бобат дар маҷмуъ қонеъ карда мешавад.

**Хулоса**

Таҳқиқоти диссертатсионии Чиллаев Сулаймон Нажмудинович дар мавзуи «Муаммоҳои рушди бозори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва баанҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ, методологӣ ва амалӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Мубраммӣ, навгонӣ, асоснокии муқаррароти асосии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин аҳамияти он барои илми иқтисод ва амалияи бозори

молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ умуман ба талаботи бандҳои 32, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, ва муаллифи он Чиллаев Сулаймон Нажмудинович барои додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Дар ҷаласа 13 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии васеи кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №11 аз 30 июни соли 2026).

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи молия ва суғуртаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
н.и.и., дотсент — Ҳусайнов М.Н.

**Эксперт:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи молия ва суғуртаи ДМТ — Икромӣ Ф.Н.

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и., дотсент — Тоджибойзода Ф.Э.

Имзои Ҳусайнов М.Н., Икромӣ Ф.Н. ва Тоджибойзода Ф.Э.-ро тасдиқ мекунам:

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** — **Шодихонзода Э.Ш.**
**«1» 07 2026 с.**

**Суроға:** 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17.
Тел: +992 372 21 77 11
E-mail: tnu@mail.tj